# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Муҳаққикони рус ба мушкилоти даврони аввали барқароршавии давлати ҷавони Шуравӣ нигоҳ накарда, кӯшиш мекарданд, ки мактабҳои навро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода, мардуми маҳаллиро ба таълим ва тарбия фаро гиранд. Онҳо тавонистанд тадриҷан оид ба таърих ва ҳаёти гузаштаи тоҷикон маълумотӣ зарурӣ ҷамъоварӣ кунанд. Аксарияти онҳо ба олимони шинохта, муаррихон, антропологҳо ва этнографҳои маъруфи сатҳи байналмилалӣ табдил ёфтанд. Таҷрибаи андӯхтаи ҳаётӣ ва илмии олимони мазкур алъон ба объекти омӯзиш табдил ёфтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи пешниҳодшуда дар таърихнигории муосири тоҷик дорои аҳамияти калони илмӣ ва амалӣ мебошад. Марҳалаи солҳои 1920–2000 давраи ташаккули заминаҳои асосии таҳқиқоти этнографӣ ва антропологӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Таҳлили бонизоми мероси илмии муҳаққиқони рус (аз ҷумла М.С. Андреев, Н.А. Кисляков, А.К. Писарчик, В.В. Бартолд, Р.Л. Неменова, Л.В. Ошанин, Е.М. ва дигарон) барои дарки холисонаи таърихи фарҳангӣ ва бунёдии аҳолии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ имкон медиҳад. Муаллиф тавонистааст саҳми ин таҳқиқоти муҳаққиқони рус ва шарқшиносонро дар шароити тағйирёбии сохторҳои сиёсии давраи шӯравӣ ва пасошуравӣ амиқ баррасӣ намояд. Ҷанбаҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият ва маърифати зиндагии ниёгони тоҷикон дар асарҳои онҳо инъикос ёфтаро баррасӣ намудааст.

**Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқот.** Аввалин маротиба саҳми этнографҳо ва антропологҳо дар якҷоягӣ ва дар доираи мушаххаси ҷуғрофӣ (Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ) мавриди нигариши таърихнигорона қарор гирифтааст. Муаллиф ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, гузоришҳои экспедитсионӣ ва маводҳои камёфти давраи 1920–2000-ро ба гардиши илмӣ ворид намудааст. Инчунин, дар рисола таъсири

идеологияи шуравӣ ба таҳқиқоти этнографӣ нишон дода, паҳлуҳои мусбат ва камбудиҳои методологии он давра беғаразона таҳлил ёфтааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар таҳия ва навиштани бахшҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, инчунин таърихи вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳидаи ҷануби Тоҷикистон, хондани курсҳои махсус дар мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ истифода бурд.

Мавод ва хулосаҳои рисоларо метавон дар таҳқиқи масъалаҳои мардумшиносӣ ва таърихи этникии Тоҷикистон, инчунин дигар масъалаҳои мубрами таърихӣ ва баланд бардоштани худшиносии миллии халқи тоҷик ва тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол самаранок истифода кард.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Барои анҷоми таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф аз усулҳои муҳими таҳқиқотӣ, аз ҷумла аз усули объективияти илмӣ – ҳамчун яке аз дастурҳои асосии илмҳои муосири таърихӣ ва таърихнигорӣ кор гирифтааст.

Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмуи усулҳое, чун муқоисавӣ–таърихӣ, назариявӣ-муқоисавӣ, таърихияти илмӣ, масъалагузорӣ –солномавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ – таърихӣ қарор ёфтаанд.

Дар асоси усули муқоисавӣ–таърихӣ масоили таърихӣ дар осори муаҳаққиқони рус ва дигар адабиётҳои илмӣ, хусусиятҳо ва сабки баёни рисолаҳо ва ғайраҳо анҷом дода шудааст. Тавассути усули масъалагузорӣ – солномавӣ ҳудудҳои таҳқиқи масоили мазкур муайян мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D020300-Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ), ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши мардумшиносии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ»** унвон гирифтааст. Дар ин

боб масоили мадумшиносӣ яке аз самтҳои муҳими таърихи халқи тоҷик маҳсуб ёфта, имконият медиҳад, ки расму анъана, урфу одат, маросимҳо, тарзи зиндагӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар гузашта муайян карда шавад. Ин масъала дар давраи шуравӣ ва ҳатто пеш аз он низ диққати муҳаққиқони соҳаи таърих, ба хусус мардумшиносони русро ба худ ҷалб намуда буд.

Нахустин асарҳои муаррихон ва мардумшиносони рус оид ба омӯзиши мардумшиносии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар охири асри XIX - ибтидои асри XX таълиф гардиданд. Новобаста аз таҳқиқоти анҷомдодашудаи хусусиятҳои мардумшиносӣ дошта, дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза минтақаҳое низ вуҷуд доштанд, ки роҷеъ ба зисту зиндагӣ, расму русум, анъанаҳои аҳолии онҳо диққати кам дода шудааст. Дар ин боб қайд мегардад, ки муҳаққиқони рус дар омӯзиши масоили мардумшиносӣ, хусусан фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт саҳми калон дошта, аз солҳои 20-ум то солҳои 90-уми асри XX ба ин масъала ҷиддан машғул шуданд. Экспедитсияҳои ташкилнамудаи онҳо, ки аввалин экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва антропологӣ дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд, урфу одат, муҳоҷират, манзил ва тарзи зиндагии аҳолии ин минтақаҳоро муайян намудаанд.

Дар зербоби дуюми боби якум «Нақши Р. Л. Неменова ва А. К. Писарчик дар омӯзиши мардумшиносӣ ва фарҳанги тоҷикони Варзоб ва вилоятҳои Ғарму Кӯлоб» дар иртибот ба фаъолияти мардумшиносии Р. Л. Неменова дар минтақаи Ҳисор қайд мешавад. Р. Л. Неменова дар Варзоб маводе ҷамъ овард, ки таркиб ва ташаккули аҳолии водӣ, шуғл, маишати фарҳангӣ, ҳаёти оилавӣ, хонавода, урфу одати гурӯҳи тоҷикони ин ноҳияро ташреҳ мекард. Нақши олимони рус Р. Л. Неменова ва А. К. Писарчик дар омӯзиши мардумшиносӣ ва фарҳанги тоҷикони Варзоб ва вилоятҳои Ғарму Кӯлоб назаррас мебошад.

Боби дуюми диссертатсия «Инъикоси ҳунарҳои мардумӣ ва фарҳанги либоси анъанавии сокинони Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар осори мардумшиносони рус» ном дошта, аз дӯ аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия ба «Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус» бахшида шуда, дар он саҳми олимони рус дар омӯзиши анъанаҳои ҳунармандии тоҷикон баррасӣ мегардад. Дар диссертатсия таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона ва муҳити зист таҳлил гардида, нишон дода мешавад, ки сару либос ҳамчун ҷузъи муҳими фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, урфу одат, ҷаҳонбинӣ ва хусусиятҳои этникии мардумро инъикос менамояд. Тағйири шакл ва намуди

либоси миллӣ ба шароити таърихию минтақавӣ вобаста буда, омӯзиши он барои дарки таърихи этникӣ ва фарҳангии халқ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки тоҷикон ҳам дар гузашта ва ҳам дар шароити имрӯза дорои матоъҳо ва либосҳои хоси худ буданд, ки дар осори муҳаққиқони рус ба таври васеъ инъикос ёфтаанд. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии экспдитсияи мардумшиносии Кӯлоб барои дар дигар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон гузаронидани экспедитсияҳо сабаб гардид.

Боби сеюми диссертатсия «Нақши муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст. Дар ин боб зикр мешавад, ки равандҳои этникӣ дар Тоҷикистон дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ хеле мурккаб ва гуногун буд. Барои муайян кардани этногенези мардумони на танҳо Осиёи Миёна, балки аҳолии ҷануби Тоҷикистон бояд таркиби нажодии гурӯҳҳои этникии манотиқи зисти онҳо, маскан ва ҳудуди куҳан ва имрӯзаи онҳо муайян карда шавад.

Диссертант ба хулосае меояд, ки масоили этникии қисми ҷанубии Тоҷикистон то нимаи дуюми асри XX аз тарафи муҳаққиқон ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Дар давраи аввали барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ хидмати шоёнро дар ин самт олимоне анҷом додаанд, ки тамоилҳои асосии тағйироти дар замони шуравӣ дар самти фарҳанги маънавии тоҷикон: тасаввуроти динӣ, анъанаву маросим, робитаҳои оилавӣ ва ҷашнҳои ба ҳам ба амал омадаро инъикос намуданд.

Унвонҷӯ дар ин боб ба хулосае меояд, ки масоили омӯзиши антропологии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон, ки аз ҷониби муҳаққиқони антропологи рус анҷом дода шудааст, натиҷаҳои ба дастовардаи онҳо боиси эътимод мебошад. Аммо, муатаассифона, дар замони соҳибистиқлолӣ оид ба ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон таҳқиқоти антропологӣ анҷом дода нашудааст. Аз ин сабаб таҳқиқоти антропологони руси замони Шуравӣ манбаи муҳим ҷиҳати омӯзиши масоили антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мебошад.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд. Мазмуни асосии интишорот бо самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ робитаи бевосита дорад.

Автореферат муҳтавои асосии диссертатсия, мақсаду вазифаҳо, навгонии илмӣ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат ва натиҷаҳои илмии зикршуда, ҳангоми мутолиаи диссертатсия баъзе масъалаҳое ба миён меоянд, ки тавзеҳи бештари онҳо метавонад сатҳи илмии баландтар намояд:

1. Муқоисаи методологияи таҳқиқоти давраи шуравӣ (1920–1990) ва давраи истиқлолият (1991–2000) метавонист боз ҳам амиқтар инъикос ёбад.

2. Хуб мешуд, ба тафовутҳои антропологии минтақавии байни водии Ҳисору Рашт ва вилояти Хатлон муфассалтар аҳаммият дода мешуд.

3. Масъалаи муҳоҷирати сокинони кӯҳистони Рашт ва Кӯлоб ба водии Вахш ва дигар минтақаҳо дар осори олимони рус аҳамияти бузург дошт. Муаллифи рисола ин масъаларо ба таври умумӣ зикр кардааст. Хуб мешуд, ки таъсири ин муҳоҷиратҳо ба тағйири тарзи зист ва хоҷагидории манзилҳои аслии онҳо (Кӯлобу Рашт) амиқтар кушода мешуд.

4. Дар баъзе ҷойҳои зербоби 1-и боби 1 такрори исми муҳаққиқон ва тавсифи умумии корҳои онҳо бе таҳлили танқидӣ ба назар мерасад. Матни боб бештар хусусияти тавсифи асарҳоро гирифтааст, на таҳлили таърихнигоронаву муқоисавӣ.

5. Муаллиф ба таври зарурӣ нишон надодааст, ки пажӯҳишҳои Неменова ва Писарчик дар доираи консепсияҳои идеологии шӯравӣ (ба монанди «мубориза бар зидди боқимондаҳои патриархалӣ-феодалӣ» ё «сохтмони сосиалистӣ») навишта шудаанд. Баъзе хулосаҳои онҳо оид ба сохтори оила ва расму оинҳо ба бознигарии танқидӣ ниёз доранд.

6. Диссертатсия аз камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ орӣ нест.

Эродҳои мазкур бештар хусусияти тавсиявӣ дошта, ба дурустии натиҷаҳои асосии диссертатсия таъсири ҳалкунанда намерасонанд. Баръакс, баррасии онҳо метавонад барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ва омода намудани асари илмӣ муфид бошад.

Хулоса. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки Шамсияи Тоирхон кори мустақилонаи илмиро анҷом дода, дар доираи он масъалаи муҳимми таърихи навтарини ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистонро дар осори муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф маҷмуи назарраси маводи бойгонӣ, оморӣ, санадҳои расмӣ ва адабиёти илмиро ҷамъоварӣ ва таҳлил намудааст. Натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзуи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ (солҳои 1920-2000)» аз рӯйи мазмун, навгонии илмӣ, дараҷаи асоснокии натиҷаҳо ва аҳаммияти илмию

амалии худ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020303 -Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои таърих, мудири
кафедраи саъатшиносӣ
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишкадаи давлатии санъати
тасвирӣ ва дизайн Тоҷикистон». Ёғибекова Б.Т.

Имзои Ёғибекова Б.Т. -ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДСТДТ «11.09.2026» Амирхонов Қ.Ҳ.

Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, ноҳияи Шомансур Айнӣ 31
Тел: (+992) +992 93-987-87-11
E-mail: : bika.ygibekova@bk.ru